«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**_____________Ғафурзода А.Д.**
**«_____» ______________соли 2021**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ғайратова Фотима Асламшоевна дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ғайратова Фотима Асламшоевна дар доираи яке аз бандҳои нақшаи дурнамои корҳои илмӣ - таҳқиқотии кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки «Масоил ва дӯрнамои таъмин ва ҳифзи суботи минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» номгузорӣ шудааст, омода гардидааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он» ном гирифтааст, ба ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихи замони муосир бахшида шудааст. Маҳз дар равандҳои сиёсии имрӯзаи минтақа тағйиротҳои ҷиддии алоқаманд ба тадриҷан фаъол гардидани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ба назар мерасанд, ки ба ташаннуҷи мубориза рақобатноки бозингарони сиёсӣ ҷиҳати нуфуз ба насли ҷавон оварда расонидааст. Омӯзиши раванди ифротгароии ин қишри ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ ба шумор меравад. Густариши ифротгароии ҷавонон дар минтақаи Осиёи Марказӣ далели он аст, ки тамоюлоти мазкур яке аз омилҳои асосии халалэҷодкунанда ба амнияту суботи минтақавӣ ба шумор меравад.

Айни замон ифротгароии ҷавонон, аз ҷумла шаклҳои тундрави он ба мисли амалҳои террористӣ омили ҷудонашавандаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии як қатор кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ гардидааст. Маҳз фаъолияти онҳо, ки ба густариши ғояи иртиҷоии

ҳадафи барҳам додани пояҳои давлатдорӣ ва тағйири сохти иҷтимоиву сиёсии кишварҳои гуногун равона шудааст, яке аз хатарҳои ҷиддӣ ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Диссертатсияи номзадии Ғайратова Ф.А. дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи муносибатҳои байналмилалии муосир бахшида шудааст. Дар шароити мураккабшавии вазъияти ҷаҳонӣ ва равандҳои минтақавию байналмилалии муосир омӯзиши мавзӯи мазкур аз аҳаммият холӣ нест. Зеро маҳз дар замони ҳозира давлатҳои Осиёи Марказӣ ба мушкилоти афзоишёбандаи аз тарафи тундравони исломӣ истифода шудани нақшаҳои нави муносибатҳои молиявиашон бо сармоягузорони хориҷӣ, ки ба усули худкифоӣ ва расман қонунӣ будан асос ёфтаанд, дучор гардидаанд. Моҳияти ин нақшаҳоро аз тарафи сохторҳои ифротӣ истифода гардидани шахсони ҳуқуқӣ ва фаъолияти қонунии соҳибкорӣ, аз ҷумла марбут ба амалиётҳои тиҷоратӣ дар хориҷа барои маблағгузории корҳои тарғиботӣ ташкил медиҳанд.

Мубрам будани таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин дар он ифода меёбад, ки ба фаҳмиш ва асосноккунии самти нави илми таърихи навин – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногуни ватанию хориҷӣ, ки ба таҳқиқи ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ машғуланд, таъсир мерасонад. (саҳ. 3.)

Ба ақидаи мо ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он самти нави омӯзиши илмӣ буда, мақсади асосии он омӯзиши ҷанбаҳои таърихии зуҳури ифротгароӣ дар Осиёи Марказӣ ва роҳҳои муқовимат бо он, таҳкими таҷрибаи бадастомада ҷиҳати пешгирию танзими онҳо мебошад.

Ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияи Ғайратова Фотимаро собит месозанд, хело зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайднамуда ба охир намерасанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми таърихнигорӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф моҳият ва мушкилоти муқовимат бо ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ шудаанд.

**Навгонии натиҷаҳои бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он» нахустин таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба моҳият ва хусусиятҳои хоси ифротгароии ҷавонон, заминаҳои идеологӣ, миллӣ, динӣ ва иҷтимоии зуҳури ифротгароии ҷавонон, ташаккул ва вазъи имрӯзаи ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ, дурнамои тавсеаи ифротгароии

ҷавонон дар Осиёи Марказӣ, роҳҳо ва воситаҳои рафъи ифротгароии ҷавонон дар қаринаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти муқовимат бо шаклҳои гуногуни ифротгароии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ намуда, тавсияҳо ҷиҳати беҳтар намудани самти фаъолияти - мубориза алайҳи ифротгароии ҷавононро пешниҳод кардааст, ки онҳо дар илми таърихи навини Тоҷикистон навгонӣ мебошанд. (саҳ. 23-24)

Муаллиф дар таҳқиқоти хеш вобаста ба мавзӯи диссертатсия нуктаҳои илмии заруриро коркард ва ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки онҳо дар рушди илмҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд (саҳ. 24 -26).

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои илмии назариявӣ ва амалии он дар рушди илмҳои сиёсию иҷтимоӣ ва аз пешгирии ҷавонони кишварамон ба ҷараёнҳои номатлуб мусоидат мекунад. Таҳлили диссертатсияи мазкур, хусусан ақидаҳои илмӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, асоснок сохтани натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, ки дар заминаи истифодаи номгӯи адабиёти гуногуни илмӣ ва амалӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқот ба даст омадаанд, оид ба асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур шаҳодат медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур усулҳои умумиметодологӣ, равиши системавӣ, таърихӣ, таҳлилӣ - муқоисавӣ ва таҳлили контентӣ истифода шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва пешниҳодҳои ироагардида метавонанд ҳамчун дастурамал барои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дар таҳияи роҳу усулҳои санҷидашуда ва самараноки мубориза алайҳи ифротгароӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Натиҷагириҳои муаллиф дар боби хулоса боиси зикр буда, дар он хусусиятҳои ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ бо назардошти пешомади онҳо бо тавсияву пешниҳодҳои илман асоснок карда шуда тақвият дода шудаанд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар корҳои нашргардида.** Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар доираи мавзӯи таҳқиқот чопгардида мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 11 мақолаҳои илмӣ, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, инчунин нуктаҳои илмии назариявӣ ва амалии ба химоя пешниҳодгардида дар мақолаҳои илмии чопгардида ва дар

баромадҳои илмии муаллиф бо маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун низ инъикос гардидаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.**

Диссертатсияи мазкур, ки ба мавзӯи ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он бахшида шудааст, аз руйи мазмун ва моҳияти хеш фарогири масъалаҳо ва мушкилоти гуногуни соҳаҳои зикршуда мебошад. Зимнан, тамоми масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқот, ки мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ташкил медиҳанд, метавон дар шакли диссертатсия муттаҳид сохта, ҳамчун кори мукаммали илмӣ-тахассусии анҷомёфта пешниҳод намоем.

Мақсади тахқиқоти диссертатсионӣ ин таҳлили маҷмӯии масъалаи зуҳур ва паҳншавии ифротгароии ҷавонон дар минтақа дар қаринаи таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад ва вазифа дар ҳаҷми 194 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби аввал – **«Моҳият ва заминаҳои зуҳури ифротгароии ҷавонон дар замони муосир»** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Муаллиф зербоби якуми боби мазкурро **«Таҳлили муқоисавии моҳият ва хусусиятҳои хоси ифротгароии ҷавонон»** номгузорӣ намуда, мафҳуму моҳияти ифротгароӣ ва махсусиятҳои хоси ифротгароии ҷавононро дар кишварҳои алоҳидаи минтақа таҳлили қиёсӣ намуда, дар маҷмӯъ ифротгароии ҷавонони Осиёи Марказиро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Ба андешаи муаллиф ифротгароӣ - ҳамеша хислати манфӣ буда, яке аз шаклҳои бегонашавӣ, пеш аз ҳама бегонашавӣ аз арзишҳои умумифарҳангӣ ва умумиинсонӣ мебошад. «Ифротгароӣ - аз лиҳози иҷтимоӣ ғайриоддӣ мебошад, зеро дар он ду хислати муайянкунандаи моҳияти он ба назар мерасанд: а) зиёдаравӣ аз остонаи имконпазирӣ б) унсури бадӣ, ки дар мафкура ва амалҳои баъдӣ зоҳир мегардад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез”, ки 4 майи соли 2018 дар пойтахти Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, баромад карда аз вусъату боло рафтани ҷунбишҳои ифротгароиву террористӣ дар манотиқи гуногуни дунё изҳори нигаронӣ карда таъкид карда буд, ки хусусияти глобалии хатари терроризм ва ифротгароӣ ҷиддан тақозо менамояд, ки нисбат ба ин ду мафҳум мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд. Дар ин робита метавон гуфт, ки масъалаи таҳқиқи ифротгароӣ барои аксари кишварҳо новобаста ба сатҳи пешрафти сиёсиву иқтисодии онҳо муҳим мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ифротгароӣ ҳамчун услуб ё василаи ҳалли

мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, экологӣ ва масоили дигар метавонад дар ҳамаи ҷомеа ё давлатҳо, аз он ҷумла дар давлатҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта ва аз назари сиёсӣ босубот ҳам зуҳур кунад. Ҳамзамон таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дараҷаи осебпазирии ҷомеа ба ифротгароӣ дар кишварҳои бо ном «дар ҳоли гузариш» баландтар аст. Маҳз дар ҳамин кишварҳо, ки маҷбуранд дар муддати кутоҳтарин низомӣ сиёсиву иқтисодии хешро аз нав созанд, теъдоди зиёди падидаҳои харобиовар, аз қабили ифротгароӣ ба назар мерасанд. (саҳ. 31-32.)

Дар зербоби дуюми боби якум **«Заминаҳои идеологӣ, миллӣ, динӣ ва иҷтимоии зуҳури ифротгароии ҷавонон»** муаллиф ҷанбаҳои гуногуни зуҳур ва заминаҳои асосии ифротгароиии ҷавононро дар маҷмӯъ таҳқиқ кардааст. Ба андешаи муаллиф, ки боиси дастгирист, ифротгароии ҷавонон бо гурӯҳҳои синнусолии одамон, ки бо ин ё он дараҷа тахти таъсири ифротгароӣ дар навъҳои гуногуни он асоси устувор шуда наметавонанд, ки синну солро меъёри аслӣ ва ягонаи пойбандӣ ба амалҳои инҳирофӣ ва тахрибкорона ҳисоб намоем. Ифротгароӣ падидаи хеле мураккаб, гуногунсифат ва гуногуннавъ буда, асос намедиҳад, ки онро бо андозагирии синнусолии дастдории ҷавонон ба ин навъи рафтори инфиродӣ ва дастаҷамъона тавсиф намоем.

Тавре аз диссертатсия бармеояд, омилҳои зерин аз қабили ҷолибияти зоҳирӣ, таъсири намоишкоронаи фаъолияти созмонҳо, ҷунбишҳои ифротгаро, ки бо «асолат» (нотакрорӣ) – и сару либос, суханрониҳо, нутқҳо, тарзи муошират, даъватҳо, рафтори пешвоён тақвият дода мешаванд; соддагии усули устуворшавӣ ва худмуаррифии шахсият тавассути воситаҳои соддакардашудаи ҳамроҳшавӣ ба созмонҳо; муҳит ва рӯҳияи ҷамъиятчигӣ, озодӣ, бетакаллуфӣ, ки дар ҳаракат ҳукмрон аст; машҳур ва маъруфияти ҳаракатҳои маргиналӣ ва пешвоёни онҳо боиси густариши ифротгароии ҷавонон мегардад. (саҳ. 51)

Аз суханони Роҳбари давлат дар масъалаи тарбияи ҷавонон бармеояд, ки рафтори накӯ, масъулият ва дониш аз насл ба насл ба таври меросӣ намегузарад. Волидайн, муассисаҳои таҳсилотӣ, васоити ахбори оммаи миллӣ бо такя ба таҷрибаи таърихии халқи мо, намунаи қаҳрамонию мардонагии фарзандони муборизи он ва мероси адабӣ бояд ҷавононро тарзе тарбия намоянд, ки ба талаботи имрӯзу фардои давлатдории миллии мо воқеан ҳам ҷавобгӯ бошанд. (саҳ. 54)

Боби дуюм **«Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамои тавсеи он»** номгузорӣ шуда, дар зербоби якум таҳти унвони **«Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: ташаккул ва вазъи**

**имрӯзаи он»** маҳз ба кушодану таҳлил кардани самтҳо, ташакул ва вазъи кунунии ифротгароии ҷавонони Осиёи Марказӣ баъди соҳибистиқлолии кишварҳои минтақа бахшида шуда, пеш аз ҳама раванди ниҳодёбии ифротгароӣ дар Осиёи Марказӣ, мавҷудияти хатарҳои давомдор ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ, ташаккули ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва махсусан паёмади қонунии ифротгароии ҷавонон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳамзамон оид ба ташкилотҳои ифтротгаро ва террористии амалкунанда дар Осиёи Марказӣ маълумот дода шудааст. (саҳ. 60-83)

Зербоби дуюми боби мазкур **«Дурнамои тавсеаи ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ»** ном дошта, муаллиф дурнамои ифротгароии ҷавононро дар Осиёи Марказӣ натиҷагирӣ намуда, ҷиҳати пешгирии тавсеаи зуҳуроти мазкур пешниҳодҳои мушаххас намудааст. Муаллиф вобаста ба пешгирии ифротгароии ҷавонон чунин пешниҳодҳо ироа намудааст: таҳлили ҷанбаҳои фалсафӣ, таърихӣ, иҷтимоию фарҳангии равандҳое, ки дар муҳити фарҳанги ҷавонон мегузаранд; пешбурди корҳои пешгиркунанда ҷиҳати муқовимат бо зуҳурёбии ифротгароӣ дар байни ҷавонон; такмили низомӣ фарҳангӣ-фароғатии фаъолияти насли наврас; созмон додани ташкилотҳои обруманди ҷамъиятии ҷавонон, ки насли наврасро муттаҳид ва дар намунаҳои мусбат тарбия менамоянд ва ғайраҳо. (саҳ. 83, 110)

Боби сеюми диссертатсия зери унвони **«Роҳҳо ва мушкилоти мубориза бо ифротгароии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ва зербоби якуми он **«Роҳҳо ва воситаҳои рафъи ифротгароии ҷавонон дар қаринаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, ба таҳлил ва нишон додани роҳу воситаҳои таъсиррасон ҷиҳати рафъ ва танзими ифротгароии ҷавонон дар кишвар бахшида шудааст. Муаллиф дар диссертатсия бо далелҳо нишон додааст, ки ифротгароӣ яке аз самтҳои хатарнок дар қаринаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ҳамзамон роҳу воситаҳои рафъи ифротгароии ҷавононро дар ин қарина таҳлил намуда, хулосабарориҳои арзишманд намудааст. (саҳ.111-138)

Зербоби дуюм **«Мушкилоти муқовимат ба шаклҳои гуногуни зуҳури ифротгароии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, масъалаҳои пешгирӣ ва мубориза бо шаклҳои гуногуни зуҳури ифротгароии ҷавонон дар Тоҷикистонро баррасӣ менамояд. Муаллиф миқёси паҳншавии ифротгароии ҷавононро мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор додааст.

Ҳамчунин муаллиф баъд аз таҳлили муқоисавии моҳият ва хусусиятҳои хоси ифротгароии ҷавонон, заминаҳои идеологӣ, миллӣ, динӣ ва иҷтимоии зуҳур ва дурнамои ифротгароии ҷавонон Осиёи Марказиро натиҷагирӣ намуда, тавсияҳо оиди истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод намудааст. (саҳ. 157-165)

Муаллиф бо овардани далелу пешниҳодҳо хотиррасон карданист, ки ба тадбирҳои андешидашуда оид ба пешгирии ифротгароӣ дар ҷомеа нигоҳ накарда, масъалаи мазкур барои ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ мубрам боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, ба боварӣ гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ғайратова Ф.А. ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 13, 14, 15 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусӣ ба рушди илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд. Зиёда аз ин, таҳқиқоти мазкур ба талаботи муқаррарнамудаи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферагҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, низ мутобиқат менамояд.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Мавзӯи интихобгардида кӯшиши аввалин дар ин самт буда, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон барои муаррихон, шарқшиносон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, мутахассисони сохторҳои гуногун, ки бо зуҳуроти мазкур сару кор доранд ва дар таҳияи роҳу усулҳои санҷидашуда ва самараноки мубориза алайҳи ифротгароӣ дар кишварҳои минтақа истифода бурд.

Дар баробари дастовардҳои диссертатсия баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ҷой доранд, ки аз муқаррароти зерин иборатанд:

- Ҳангоми таҳлили сатҳи омӯзиши мавзӯъ, муаллиф дар гурӯҳи дуюм осори муҳаққиқони мактаби илмии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Федератсияи Россия ва дар гурӯҳи сеюм осори олимони Осиёи Марказиро ҷойгир намудааст. Хуб мебуд, агар ин ду гурӯҳ якҷоя карда мешуд, зеро гурӯҳи дуюм фарогири гурӯҳи сеюм мебошад;
- Тавсия карда мешавад, ки ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ барои пешгирии ифротгароии ҷавонон дар зербоби алоҳида таҳлил карда шавад;
- Муаллиф дар диссертатсия бештар ба адабиёту сарчашмаҳои тоҷикӣ такя намудааст. Агар муаллиф аз адабиёту сарчашмаҳои гуногуни хориҷӣ зиёд истифода менамуд, ба манфиати кор мебуд;
- Дар диссертатсия камбудиҳои имлоӣ техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки эродҳои номбаршуда ба ҷанбаи илмии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва онҳо вобаста ба тарзу усули баёни фикри муаллифи диссертатсия зикр гардидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки ба он довталаб аст.** Диссертант Ғайратова Ф.А. унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки чунин ҳолат гувоҳи мутобиқати ихтисоси илмии ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Ғайратова Фотима Асламшоевна диссертатсияи мустақили илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро оид ба мавзӯи мубрами илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикоси худро пайдо намудааст. Аҳамияти илмии диссертатсия бо он вобастагӣ дорад, ки дар он роҳу усулҳои мусбат аз ҷиҳати назариявӣ асоснок баҳри ҳалли масъалаҳои мубрами ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он пешниҳод карда шудааст. Автореферат ба мазмуни диссертатсияи номзадӣ мувофиқат менамояд.

Тартиб ва мазмуни дастнависи диссертатсия ва автореферати Ғайратова Ф.А. асосан ба талаботи муқарраршудаи тартиби омода намудани диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқат менамояд. Вобаста ба ин, диссертатсияи Ғайратова Ф.А. дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он» барои пешгирии ҷавонон аз ифротгароӣ ва пешбурди сиёсати хориҷии кишварамон аҳамияти муҳим ва саривақтӣ дошта, ҳамзамон кори илмӣ-тахассусии баанҷомрасида буда, дар он муқаррароти назариявӣ ва амалӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки онҳо барои ҳалли мусбати як зумра масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти ҷойдошта имконият фароҳам меоранд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ғайратова

Фотима Асламшоевна бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз тарафи номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Меъроҷиддини Насридин омода гардида, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 02 марти соли 2021 баррасӣ шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст.

(Суратмаҷлиси кафедра № 8 аз 03-уми марти соли 2021).

**Раисикунандаи семинари васеи**
**илмӣ-назариявӣ номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи дипломатия ва**
**муносибатҳои байналмилалии**
**АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Бобозода**
**Фаридун Толибҷон**

**Мудири кафедраи дипломатия ва**
**муносибатҳои байналмилалии**
**АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**номзади илмҳои таърих** **Меъроҷиддини**
**Насридин**

**Имзои Бобозода Ф.Т. ва М. Насридин -ро**
**тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Суфиев**
**Фарҳат Раҷабович**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи Саид Носир-33, тел.: 224-17-86, факс: 224-89-45,
e-mail: info@apa.tj